**Суратҷаласаи № 9**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

5 ноябри соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд**: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравандд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рузномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор Шарифов Р.Я. баромад намуд (Хулосаи комиссияи ташхис заммима мегардад).

**Қарор карда шуд**:

1. Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

Саидов Ҳомид - доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

Шарипов Амриддин – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

4. Барои нашри автореферат, ҷойгир намудани эълон ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 15 январи соли 2025 таъин карда шавад.
6. Барои чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шурои**
**диссертатсионӣ д.и.т.** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ н.и.т.** **Умаров А.Қ.**